# Протоколи иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

## Муқаддима

*Кишварҳо-иштирокчии Протоколи мазкур,* ***бо назардошти*** принсипҳои дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид эълоншудаи эътирофи қадру қиммат, ки ба ҳамаи аъзоёни оилаи инсоният хос аст, баробарӣ ва ҷудонопазирии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии онҳо, адолат ва сулҳи умум, ***бо назардошти*** он, ки Эъломияи ҳуқуқи башар[1] эълом медорад, ки ҳамаи одамон озод ба дунё меоянд ва дар қадру қиммати худ ва ҳуқуқҳои худ баробаранд ва ҳар як инсон бояд аз ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои дигари дар Эъломия эъломгардида бе ҳама гуна тафриқагузорӣ, ба мисли нисбати нажод, ранги пӯст, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ва дигар ақоид, пайдоиши миллӣ ва ё иҷтимоӣ, ҳолати молумулкӣ, табақавӣ ва ё дигар ҳолатҳо бархӯрдоранд, ***бо назардошти*** он ки Эъломияи ҳуқуқи башар ва Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон эътироф менамоянд, ки идеали шахсияти озоди инсони озод аз хатар ва ниёз метавонад ҳамон вақт татбиқ гардад, ки агар шароитҳое ба миён оварда шаванд, ки ҳар кас аз ҳуқуқҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии худ истифода намояд, боз ҳам ягонагӣ, тақсимнашаванда, ҳамбастагӣ ва робитаи ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро талқин намуда, ***бо назардошти*** он ки дар кишвар-иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ[2] (минбаъд “Паймон”) тариқи инфиродӣ ё дар доираи кӯмак ва ҳамкории байналмилалӣ ӯҳдадор мешавад, ки, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисодӣ ва техникӣ ва ҳадди ақалли захираҳояшон чораҳоеро биандешанд, ки тадриҷан барои таъмини татбиқи ҳуқуқҳои тибқи Паймон эътироф гардида бо ҳама гуна васоит, аз ҷумла қабули чораҳои қонунгузорӣ равона гардида бошад, ***бо назардошти*** минбаъд ба даст овардани мақсадҳои Паймон ва иҷроиши муқаррароти он мақсаднок мебуд, ки ба Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (минбаъд “Кумита”) имконияти амалисозии вазифаҳои дар ин Паймон пешбинӣ гардида фароҳам оварда дар ин хусус аҳд менамоянд, ки:

**Моддаи 1.**
**Салоҳияти Кумита оид ба дастрасӣ ва баррасии маълумот**

1. Кишвар-иштирокчии Паймон, ки иштирокчии Протоколи мазкур мегардад, ваколати Кумитаро мавриди бардошт ва баррасии маълумот чуноне ки дар Протоколи мазкур пешбинӣ гардидааст, эътироф менамояд.

2 . Кумита ягон маълумотеро қабул наменамояд, ки агар он ба кишвар-иштирокчие дахл дошта бошад, ки иштирокчии Протоколи мазкур набошад.

**Моддаи 2.**
**Маълумот**

Гурӯҳи ашхос ва ё шахсони аз номи онҳо баромадкунанда, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқии кишварҳо-иштирокчӣ қарор доранд ва тасдиқ месозанд, ки онҳо қурбонии вайронкуниҳои ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ аз ҷониби ҳамин кишвар-иштирокчӣ гаштаанд, ки дар Паймон оварда шудааст, маълумот пешниҳод месозанд. Агар маълумот аз ҷониби ашхоси алоҳида ва ё гурӯҳи ашхос пешкаш карда шавад, он гоҳ ин бо розигии онҳо анҷом дода мешавад ба истисноии он ҳолатҳое, ки муаллиф метавонад ҳаракатҳои худро аз номи онҳо бе розигиашон асоснок карда тавонад.

**Моддаи 3.**
**Мақбулият**

1. Кумита маълумотҳоеро баррасӣ наменамояд, то он вақте ки боварӣ ҳосил намояд, ки ҳамаи васоити дохилии ҳифзи ҳуқуқҳо истифода шудаанд. Ин қоида дар ҳамон ҳолатҳо амал намекунад, агар татбиқи ин васоит беасос дароз кашида мешавад.

2. Кумита маълумотро ҳамон вақт ғайримақбул медонад, ки:

a) он дар тӯли як соли баъди сарфашавии васоити дохилии ҳифозати ҳуқуқҳо, ба истисноии ҳолатҳое, ки муаллиф метавонад исбот намояд, ки маълумоти мазкурро дар ин мӯҳлат равон кардан ғайриимкон буд;

b) фактҳое, ки матлаби маълумотанд, то ба ҳукми амал даромадани Протоколи мазкур барои кишвар-иштирокчӣ, ҷой доштанд, агар ба шарте, ки ин фактҳо баъди ин сана мудом ҷой дошта бошад;

c) ҳамин масъала аллакай аз Тарафи Кумита баррасӣ шуда буд ва ё тибқи дигар расмиёти байналмилалии ҳалли баҳсҳо ва ё танзимнамоӣ баррасӣ гардидааст ё баррасӣ мегардад.

d) он бо муқаррароти Паймон номувофиқ аст;

e) он баръало асоснок нест ва ё ба таври кофӣ исбот карда нашудааст ё танҳо ба мълумотҳои дар васоити ахбори омма паҳншаванда асос меёбад;

f) он суиистифода аз ҳуқуқ барои пешкашсозии маълумотро мемонад;

g) он номаълум аст ва ё дар шакли ғайри хаттӣ пешкаш гардидааст.

**Моддаи 4.**
**Маълумотҳое, ки гувоҳи баръалои маҳдудсозии ҳуқуқ нестанд**

Кумита дар ҳолати зарурӣ метавонад, баррасии маълумотро рад созад, агар он баръало аз маҳдудсозии муаллифи он гувоҳӣ диҳад, ба истисноии он ҳолатҳое, ки Кумита чунин ҳисобад, ки маълумот масъалаи аҳамияти умумидоштаро дахл намесозад.

**Моддаи 5.**
**Чораҳои мувақатии ҳифз**

1. Дар кадом лаҳзае, ки набошад, баъд аз гирифтани маълумот ва то қабули қарор Кумита метавонад ба кишвар-иштирокчии мувофиқ оид ба матлаби баррасии бетаъхири хоҳиши он оид ба андешидани чораҳои муваққатии ҳифз аз ҷониби ҳамин кишвар-иштирокчӣ, ки дар ҳолатҳои истисноӣ заруранд, бо мақсади роҳ

---

[1] Қатъномаи 217 A(III).
[2] Қатъномаи 2200 A (XXI), замима

надодан ба расонидани зарари ислоҳнашавандаи имконпазир ба қурбонӣ ва ё қурбониёни вайронкории дарназардошташуда, муроҷиат намояд.

2. Агар Кумита ҳуқуқи худро тибқи қисми 1 моддаи мазкур амалӣ намояд, он гоҳ ин маънои онро надорад, ки он қарорро нисбати мақбулиятӣ ва ё моҳияти маълумот қабул намудааст.

**Моддаи 6.**
**Додани маълумот**

1. Ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Кумита маълумотро бе номбаркунии кишвар-иштирокчии мувофиқ ғайри мақбул медонад, Кумита бо тартиби махфӣ ҳама гуна маълумоти тибқи Протоколи мазкур ба он пешниҳодшударо ба саҳми кишвар-иштирокчии мувофиқ мерасонад.

**Моддаи 7.**
**Танзимнамоии муҳибона**

1. Кумита хидматҳои дӯстонаи худро ба Тарафҳои мувофиқ бо мақсади танзимнамоии муҳибона дар асоси эҳтироми ӯҳдадориҳои дар Паймон муқаррар гардида, амалӣ месозад.

2. Созишнома оид ба танзимнамои муҳибона оқибат қатъу баррасии маълумотро тибқи Протоколи мазкур ба миён меорад.

**Моддаи 8.**
**Баррасии маълумотҳо**

1. Кумита маълумотҳои тибқи моддаи 2 Протоколи мазкур дастрасшударо бо назардошти ҳамаи маводҳои пешниҳодгадида баррасӣ менамояд ба шарте, ки ин маводҳо ба Тарафҳои мувофиқ фиристода шуда бошад.

2. Ҳангоми баррасии маълумотҳои тибқи Протоколи мазкур Кумита ҷаласаҳои пӯшида мегузаронад.

3. Ҳангоми баррасии маълумотҳо тибқи Протоколи мазкур, Кумита метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ мувофиқан маводҳои дигар муассисоти махсусгардонидашуда, бунёдҳо, барномаҳо ва механизмҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумлаи низомҳои минтақавии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ҳамчунин ҳама гуна мулоҳизот ва тафсири кишвар-иштирокчии мувофиқро ба инобат гирад.

4. Ҳангоми баррасии маълумот тибқи Протокол мазкур Кумита мақсаднокии қарорҳоеро, ки аз ҷониби кишварҳо-иштирокчӣ тибқи қисми 2 Паймон андешида шудаанд баррасӣ менамояд. Дар баробари ин Кумита ба назар мегирад, ки кишвар-иштирокчӣ ҳуқуқ дорад, ки як қатор чораҳои имконпазири сиёсиро барои амалисозии ҳуқуқҳои дар Паймон мустаҳкамгардида, биандешанд.

**Моддаи 9.**
**Чораҳои минбаъда дар робита ба мулоҳизоти Кумита.**

1. Баъди омӯзиши маълумот Кумита мулоҳизоташро оид ба маълумот бо тавсияҳои худ, агар онҳо мавҷуд бошанд, ба Тарафҳо мефиристонад.

2. Кишвар-иштирокчӣ тариқи зарурӣ мулоҳизоти Кумитаро бо ҳамроҳи тавсияҳо, агар онҳо мавҷуд бошанд, баррасӣ намуда, дар мӯҳлати шаш моҳ ба Кумита ҷавоби хаттӣ, аз ҷумла иттилоотро оид ба ҳама гуна чораҳои тибқи мулоҳизот ва тавсияҳои Кумита қабулгардида, пешкаш менамояд.

3. Кумита метавонад ба кишвар-иштирокчӣ иттилооти иловагиро оид ба ҳама гуна чораҳои аз ҷониби кишвар-иштирокчӣ дар ҷавоби мулоҳизот ва тавсияҳои он андешидашударо пешкаш созад, агар онҳо мавҷуд бошанд ва Кумита онро дар маърӯзоти минбаъдаи кишварҳо-иштирокчӣ тибқи моддаҳои 16 ва12 Паймон бамаврид меҳисобад.

**Моддаи 10.**
**Маълумотҳои байнидавлатӣ**

1. Тибқи моддаи мазкур кишвар-иштирокчии Протоколи мазкур дар ҳама гуна ҳолат метавонад арз намояд, ки салоҳияти Кумитаро оид ба дастрасӣ ва баррасии маълумот оид ба он ки кадом як кишвар-иштирокчӣ ӯҳдадориҳои худро тибқи Паймони мазкур иҷро намесозад, эътироф намояд. Маълумотҳое, ки тибқи моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, танҳо дар ҳамон ҳолат қабул ва баррасӣ карда мешавад, ки агар он аз ҷониби кишвар-иштирокчӣ оид ба эътирофи ин салоҳияти Кумита барои худ, изҳорот додааст. Кумита ягон маълумотро қабул намесозад, агар он ба кишвар-иштирокчие дахл дошта бошад, ки ин гуна изҳорот нанамудааст. Маълумотҳое, ки мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, тибқи расмиёти мазкур баррасӣ мешаванд:

a) агар кадом яке аз кишвар-иштирокчии Протоколи мазкур ҳисоб намояд, ки дигар кишвар-иштирокчӣ ӯҳдадориҳояшро оид ба Паймон иҷро намесозад, он гоҳ он метавонад бо тариқи хаттӣ ин маълумотро вобаста ба ин масъала ба саҳми кишвар-иштирокчии зикргардида расонад. Кишвар-иштирокчӣ ҳамчунин метавонад Кумитаро оид ба ин масъала хабардор созад. Дар тӯли се моҳи баъди гирифтани маълумот, кишваре, ки онро мегирад, ба кишваре, ки маълумотро фиристондааст баёния ва ё дигар изҳоротро дар шакли хаттӣ бо тафсилоти ин масъала, ки дар он то чӣ андоза имконпазир ва мақсаднок будани расмиётҳои дохилӣ ва васоити ҳифзи ҳуқуқ, ки татбиқ шудаанд, татбиқ мешаванд ва ё оид ба ин масъала дастрасанд, пешкаш месозанд;

b) агар масъала бо қаноатмандии мувофиқи ҳардуи кишварҳо-иштирокчиён дар тӯли шаш моҳ баъди гирифтани маълумоти аввалия аз ҷониби кишвари дастраскунандаи он ҳал нагардад, ҳар яке аз ин кишварҳо ҳуқуқ доранд, ки ин масъаларо ба Кумита тавассути огоҳсозии Кумита ва дигар кишвар, таҳвил созанд.

c) Кумита масъалаи ба он таҳвил шударо танҳо баъд аз он ки итминон ҳосил менамояд, ки ҳамаи васоити дохилии ҳифзи ҳуқуқҳо оид ба ин масъала татбиқ ва аз даст дода шудаанд, баррасӣ менамояд. Ин қоидаҳо дар ҳолатҳое амал намекунанд, ки татбиқи ин васоит беасос дароз кашида мешаванд;

d) бо назардошти риояи муқаррароти зерқисми (c) қисми мазкур Кумита хизматҳои дӯстонаи худро ба кишварҳо иштирокчиёни мувофиқан бо мақсади танзимнамоии муҳибона дар асоси эҳтироми ӯҳдадориҳои дар Паймон мустаҳкам гардида, мерасонад.

e) ҳангоми баррасии маълумотҳои тибқи моддаи мазкур пешбинигардида Кумита ҷаласаҳои пӯшида мегузаронад;

f) вобаста ба ҳама гуна масъалаи барои баррасии Кумита мувофиқан ба зерқисми (f) қисми мазкур пешбинигардида, он метавонад ба кишварҳо-иштирокчиёни дар зерқисми (b) нишондодашуда оид ба ҳама гуна иттилоотӣ ба кор дахлдор, муроҷиат намоянд;

g) кишварҳо-иштирокчиёни мувофиқ, ки дар зерқисми (b) қисми мазкур номбаршуда ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми баррасии масъала аз ҷониби Кумита муаррифӣ карда шаванд ва тариқи шифоҳӣ ва ё ин, ки хаттӣ пешниҳодот намоянд;

h) баъди дастрасии огоҳсозӣ тибқи зерқисми (b) қисми мазкур Кумита бо тариқи фаврияти дахлдор маърӯза пешниҳод месозад;

i) агар танзимнамоӣ дар доираи муққарароти зерқисми қисми мазкур ба даст ояд, Кумита дар маърӯзаи худ бо пешниҳоди мухтасари фактҳо ва танзимнамоии бадастомада маҳдуд мешавад; агар ба шарте кишвар иштирокчии мувофиқ изҳороти нав нанамуда бошад.

**Моддаи 11.**
**Расмиёти тафтишот**

1. Кишварҳо иштирокчии Протоколи мазкур кадом вақте, ки набошад метавонад изҳор намояд, ки он салоҳияти Кумитаро, ки тибқи моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, эътироф менамояд,

2. Агар Кумита иттилооти дақиқро, ки гувоҳи вайронкориҳои ҷиддӣ ва ё мунтазами ҳама гуна ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро аз ҷониби кишварҳо иштирокчӣ, ки тибқи Паймон мустаҳкам карда шудаанд, гирад, Кумита ба ин гуна кишвар-иштирокчӣ оид ба омӯзиши ин иттилоот ва дар робита ба он пешниҳод кардани мулоҳизот нисбати иттилооти мувофиқ, ҳамкорирро ба роҳ мемонад.

3. Бо назардошти ҳама гуна мулоҳизот, ки метавонад аз ҷониби кишвар-иштирокчӣ мувофиқан пешниҳод мешаванд ва ҳамчунин ҳама гуна дигар иттилооти дақиқӣ дар ихтиёрдоштаи Кумита метавонад як ё якчанд аъзоёнашро барои гузаронидани тафтишот ва пешниҳоди даврии маърӯза ба Кумита, таъин созад. Дар он ҳолатҳое, ки ин дуруст ҳисобида мешавад бо розигии кишвар-иштирокчӣ, тафтишот метавонад ташрифи ҳудуди онро дар бар гирад.

**Моддаи 12.**
**Чораҳои минбаъда оид ба натиҷаҳои чараёни тафтишот.**

1. Кумита метавонад ба кишвар-иштирокчии мувофиқ оид ба маърӯзааш ворид сохтани маълумоти мухтасар мавриди ҳама гуна чораҳои дар робита бо тафтишот андешидашуда, ки тибқи моддаҳои 16 ва 17 Паймон ва моддаи 11 Протоколи мазкур амалӣ шудаанд, пешниҳод намояд.

2. Дар ҳолати зарурӣ, бо гузашти давраи шашмоҳа, ки оид ба он дар қисми 6 моддаи 11 сухан меравад, Кумита метавонад ба кишвар-иштирокчии мувофиқ чораҳои вобаста ба тафтишот андешидаашро, пешниҳод намояд.

**Моддаи 13.**

**Чораҳои ҳифз**

Кумита агар зарур ҳисобад, бо розигии кишвар-иштирокчии мувофиқ ба муассисоти махсус, бунёдҳо, барномаҳо ва дигар мақомоти салоҳиятдори Созмони Милали Муттаҳид, мулоҳизоти худ ва тавсияҳояшро оид ба маълумот ва тафтишот, ки ба зарурати машваратҳои техникӣ ва ё кӯмак нигаронида шудаанд, ҳамчунин мулоҳизот ва пешниҳодоти кишвар-иштирокчӣ, агар ин ҷо мавриди ҳамин гуна мулоҳизот ва ё тавсияҳо қайд шуда бошад, мефиристад.

**Моддаи 14.**

**Кӯмаки байналмилалӣ ва ҳамкорӣ**

1. Кумита агар зарур шуморад, он гоҳ бо розигии кишвар-иштирокчии мувофиқ ба муассисоти махсусгардонидашуда, бунёдҳо, барномаҳо ва дигар мақомоти ваколатдори Созмони Милали Муттаҳид андешот ва тавсияҳои худро оид ба маълумот ва тафтишоте, ки зарурати машваратҳо ва кӯмаки техникӣ, инчунин мулоҳизот ва пешниҳодоти кишвар-иштирокчиро, агар онҳо вучуд дошта нисбати ин андешот ва тавсияҳоро тақозо менамоянд, мефиристад;

2. Кумита ҳамчунин метавонад ба маълумоти ин мақомот бо розигии кишвар-иштирокчӣ ҳама гуна масъаларо, ки вобаста ба андешоти тибқи Протоколи мазкур баррасишаванда, ки барои ин мақомот ҳангоми баровардани қарор дар доираи ваколатҳояшон нисбати мақсаднокии чораҳои байналмилалӣ, ки ба расонидани кӯмак ба кишварҳо-иштирокчӣ дар расидан ба кори рушд ва амалисозии ҳуқуқҳои эътирофнамудаи Паймон мусоидат намуда зарур мебошанд, мерасонад;

3. Тибқи расмиётҳои пешбинигардида Ассамблеяи Генералӣ бунёдеро, ки кӯмаки ташхисӣ ва техникиро ба кишварҳо-иштирокчӣ бо розигии кишвар-иштирокчӣ бо мақсади татбиқи пурратари ҳуқуқҳои дар Паймон мустаҳкамгардида, мувофиқи ҳолати молиявӣ ва қавоиди Созмони Милали Муттаҳид идорашавандаро таъсис медиҳад, ки дар навбати худ ба мустаҳкамкунии иқтидорҳои миллии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар партави Протоколи мазкур мусоидат менамоянд;

4. Муқаррароти моддаи мазкур ба вазифаи ҳар як кишвар-иштирокчӣ баҳри иҷроиши ӯҳдадориҳояшон тибқи Паймон таъсир намерасонанд.

**Моддаи 15.**

**Маърӯзаи солона**

Кумита ҳисоботи кӯтоҳеро оид ба фаъолияташ ба маърӯзаи солонаи худ тибқи Протоколи мазкур дохил месозад.

**Моддаи 16.**

**Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва иттилоотнокӣ**

Ҳар кишвар-иштирокчӣ ӯҳдадор мешавад, ки таъминоти васеъ ва баландбардории сатҳи иттилоотнокиро оид ба Паймон ва Протоколи мазкур амалӣ сохта, дастрасӣ ба иттилоот ва андешот, тавсияҳои Кумитаро осон созад, аз ҷумла оид ба масъалаҳое, ки ба кишвар-иштирокчӣ дахл доранд, аз ҷумла барои маъюбон дар шакли дахлдор онро дастрас намояд.

**Моддаи 17**

**Имзокунӣ, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ**

1. Протоколи мазкур барои имзокунӣ аз ҷониби ҳама гуна кишваре, ки Паймонро имзо, тасдиқ намудааст ва ё ба он ҳамроҳ гардидааст, кушода аст.

2. Протоколи мазкур воҷиби тасдиқнамои аз ҷониби ҳама гуна кишварест, ки Паймонро тасдиқ намудааст ё ба он ҳамроҳ шудааст. Грамотаҳои тасдиқӣ барои нигаҳдорӣ ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид супурда мешаванд.

3. Протоколи мазкур барои ҳамроҳшавии ҳама гуна кишваре, ки Паймонро тасдиқ намудааст ва ё ба он ҳамроҳ шудааст, кушода мебошад.

4. Ҳамроҳшавӣ тавассути назди Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид барои нигоҳдорӣ супурдан, анҷом мепазирад.

**Моддаи 18**

**Ҳукми амал**

1. Протоколи мазкур баъди се моҳ аз рӯзи ба Муншии умуми Созмони Милали Муттаҳид барои нигоҳдорӣ супоридани грамотаи тасдиқнамоӣ ва ё ҳуҷҷати даҳум оид ба ҳамроҳшавӣ, ба ҳукми амал медарояд

2. Барои ҳар як кишвар иштирокчӣ, ки Протоколи мазкурро тасдиқ менамояд ва ё ба он ҳамроҳ мегардад, пас аз барои нигоҳдорӣ супоридани грамотаи даҳуми тасдиқнамоӣ ва ё ҳуҷҷат оид ба ҳамроҳшавӣ, Протокол баъди се моҳ аз рӯзи барои нигаҳдорӣ супоридани грамотаи тасдиқнамоӣ ва ҳуҷҷати ҳамроҳшавиашон, ба ҳукми амал медарояд.

**Моддаи 19**

**Тағйиротҳо**

1. Ҳама гуна кишвар-иштирокчӣ метавонад ба Протоколи мазкур тағйирот ворид созад ва онро ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид пешкаш созад. Муншии умумӣ метавонад ҳама гуна тағйиротҳои пешкаш гардидаро ба кишварҳо-иштирокчӣ бо талаби он ки оё онҳо изҳори даъвати машварати кишварҳо-иштирокчиро бо мақсади баррасии пешниҳодот ва тавсияҳо доранд, мефиристад. Агар барои даъвати ин гуна машварат дар тӯли чор моҳ аз рӯзи гирифтани маълумот на камтар аз се ҳиссаи кишварҳо-иштирокчӣ изҳорот диҳанд, Муншии умумӣ машваратро тахти ҳимояти Созмони Милали Муттаҳид, даъват месозад. Ҳама гуна тағйирот, ки аз ҷониби

аксарият овози аз ду се ҳиссаи кишварҳо-иштирокчиён дар овоздиҳӣ ҳозиршударо ба дастоварда аз ҷониби Муншии умумӣ ба Ассамблеяи Генералӣ барои тасдиқнамоӣ ва баъдан ба ҳамаи кишварҳо-иштирокчӣ барои қабули он пешкаш мегардад.

**Моддаи 20**

**Бекоркунӣ**

1. Ҳама гуна кишвар-иштирокчӣ, кадом вақте ки набошад, Протоколи мазкурро тавассути огоҳсозии хаттӣ ба номи Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид, метавонад бекор созад. Бекоркунӣ баъд аз шаш моҳи гирифтани огоҳӣ аз ҷониби Муншии умумӣ ба ҳукми амал медарояд.

2. Бекоркунӣ барои татбиқи минбаъдаи Протоколи мазкур нисбати ҳама гуна маълумот, ки тибқи моддаи 2 ва 10 пешкаш гардидаанд ва ё нисбати ҳама гуна расмиёте, ки тибқи моддаи 11 то санаи ба ҳукми амал даромадани бекоркунӣ ташаббускорӣ шудааст, монеа шуда наметавонад.

**Моддаи 21**

**Огоҳсозӣ аз ҷониби Муншии умумӣ**

Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳамаи кишварҳое, ки дар бораашон дар қисми 1 моддаи 26 Паймон сухан меравад, оид ба инҳо воқиф месозад:

a) имзокунӣ, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ тибқи Протоколи мазкур;

b) санаи ба ҳукми амал даромадани Протоколи мазкур ва ҳама гуна тағйирот тибқи моддаи 19;

c) ҳама гуна бекоркунӣ тибқи моддаи 20.

**Моддаи 22**

**Забонҳои расмӣ**

1. Протоколи мазкур, ки матнҳои англисӣ, арабӣ, испанӣ, хитоӣ, русӣ ва фаронсавиашон баробар мебошад барои нигаҳдорӣ ба бойгонии Созмони Милали Муттаҳид супорида мешавад.

2. Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид нусхаи тасдиқгардидаи Протоколи мазкурро ба ҳамаи кишварҳои дар моддаи 26 Паймон пешбинигардида мефиристонад.